# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ» барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтитсоси 03.01.04-Биохимия пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Султонмамади Гулмамад ба яке аз самтҳои асосии истеҳсол намудани модаҳои фаъоли биологӣ, ки дар саноати хуроквори истифодашаванда, яъне растании эфемероидӣ бахшида шудааст. Ин намуди растанӣ дорои модаҳои зиёди химиявӣ ба монандӣ карбогидратҳо, фенолҳо, равғани мумӣ ва пайвастагиҳои нитрогендор мебошад. Муайян намудани пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E. robustus* Regel), барои пешгӯӣ намудани доругиҳои растанигӣ дар тибби халқи ба ҳисоб меравад, ки дар диссертатсияи унвонҷӯ оварда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад доир ба омӯзиши тағйирёбии миқдори пайвастагиҳои фитохимиявӣ дар намунаҳои гуногуни Сич (*Eremurus*), растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E. robustus* Regel) дар се минтақаи таҷрибавӣ шаҳри Душанбе, деҳаи Алиҷони ноҳияи Данғара ва доманаи қаторкӯҳҳои Ҳисор (ағбаи Анзоб деҳаи Зиддии н. Варзоб) гузаронида шудааст.

Дар кори илмии унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад оид ба усули ҷудо намудани пайвастагиҳои фитохимиявӣ аз узвҳои растанӣ вобаста ба даврахои инкишоф, муайян намудани хосиятҳои физикӣ-химиявӣ, компонентҳои химиявии таркиби пайвастагиҳои фенолӣ ва заҳрнокии баъзе аз пайвастагиҳои фитохимиявии растании таҳқиқотшаванда, ки аз тарафи дигар олимон мавриди омӯзиши пурра қарор нагирифтааст, омӯхта шуда, дар диссертатсия оварда шудааст. Пайвастагиҳои фитохимиявие, ки аз таркиби растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E. robustus* Regel) ба даст омадааст, метавонад дар соҳаи фармасевтӣ истифода шаванд. Инчунин, нишон дода шудааст, ки фаъолиятнокии пайвастагиҳои антиоксидантии Сичи калон (*E. robustus* Regel) ва заҳрнокии шадиди полисахариди дар об ҳалшаванда-глюкоманнан, ки аз таркиби растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ҷудо карда шудааст, аз тарафи увонҷӯ Султонмамади Гулмамад пурра омӯхта шудааст.

Дар баробари комёбиҳои дар автореферат ва диссертатсия ҷойдошта баъзе аз камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Дар матни автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ дида мешавад.
2. Ҳангоми мутоила кардани диссертатсияи унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад муайян карда шудааст, ки таркиби Сичи калон (*E. robustus* Regel) аз фруктозанҳо ва таркби Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) дорои глюкомоннанҳо мебошад. Аммо дар автореферат танҳо глюкомоннанҳои Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) маълумот дода шудааст барои чи?

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои дарҷгардида дараҷаи муҳимияти рисолаи илмиро паст намегардонанд.

Хулоса, рисолаи мазкур дар асоси таҳқиқоти илмии гузаронидашудаи муаллиф руйи чоп омадааст ва аҳамияти илмию амалӣ дорад. Автореферат аз руйи мазмун ва тартиб тибқи талабот навишта шудааст.

Автореферат ва диссертатсияи Султонмамади Гулмамад оид ба муҳиммият, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ доштан ва ҳаҷми гузаронидани таҳқиқотҳо ба талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо ба талаботи боби-3, бандҳои 31-34 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонмамади Гулмамад, барои ҳимоя бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз руйи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия сазовор аст.

**Тақриздиҳанда**:
доктори илмҳои химия, профессори
кафедраи химияи органикӣ ва биологии
факултети химияӣ Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Бандаев С.Г.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе хиёбони
Рӯдакӣ 121 Тел: +992(37)224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj;

Имзоҳои профессор, С.Г. Бандаевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсусӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

20.05.2024